**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13, тел.: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; E-mail: info@mmk.tj

№ 03/2с...

аз «07» 01 соли 2025

Бонки миллии Тоҷикистон

Хулоса оид ба лоиҳаи Дастурамали №___ «Дар бораи захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзӣ аз рӯйи пасандозҳо ва уҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд» ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба он

Маркази миллии қонунгузорӣ ҳамчун мақоми ваколатдори давлатӣ лоиҳаи болозикр ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба онро, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

Бо дарназардошти талаботи банди 19 Дастурамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2018, №355 тасдиқ гардидааст ва таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳа, ки аз ҷониби таҳиякунанда пешниҳод шудааст, хулосаи зерин манзур карда мешавад:

1) тартиби гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ аз ҷониби таҳиякунанда - Бонки миллии Тоҷикистон риоя гардидааст;

2) дар бандҳои 4, 6, 8, 18, 19 ва 20 лоиҳаи болозикр уҳдадорӣ барои ташкилотҳои қарзӣ вобаста ба иҷрои талаботи захираҳои ҳатмӣ, манзур намудани ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои пешниҳоди ҳисобот, зиёни эҳтимолӣ вобаста ба тағйир ёфтани қурби асъор ва ғ. пешбинӣ гардидааст;

3) дар лоиҳа маҳдудиятҳо барои ташкилотҳои қарзӣ пешбинӣ нагардидааст;

4) дар лоиҳа масрафҳои беасос аз низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мушоҳида намегардад;

5) лоиҳа барои ҳалли мушкилот асоснок буда, барои пешрафти фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ, идораи самараноки захираҳои онҳо, кафолати ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳо ва таъмини фазои одилонаи рақобатпазир мусоидат менамояд.

Бо эҳтиром,
Директор — Саидзода И.Ҳ.